**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

.

**Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.с.2013 №31 тасдиқ карда шудааст**

# Дастурамал
# Оид ба тартиб додани ҳисобот дар бораи фонди манзил
## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1.Ҳисоботи оморӣ аз рӯи шакли №1- фонди манзил «Ҳисобот дар бораи фонди манзил»-ро корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳое, ки дар тарози худ фонди манзил доранд, тартиб медиҳанд:

Ташкилотҳои манзилию баҳрабардории ҳукуматҳо;

Ҷамоатҳо деҳот (шаҳракҳо);

Корхона ва ташкилотҳои ҳисоби хоҷагӣ, ки бе вазорату идораҳо тобеанд, инчунин хоҷагиҳои таҷрибавию истеҳсолӣ ва озмоишию санҷишӣ, муассисаҳои илмию-татқиқотии кишоварзӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавӣ ва таълимию истеҳсолӣ, донишкадаю омӯзишгоҳҳои таълимии кишоварзӣ:

Ташкилотҳою муассисаҳои буҷетии вазорату идораҳо;

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

Корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои кооперативӣ;

Корхонаҳои иҷоравӣ;

Кооперативҳои манзилию бинокорӣ, кооперативҳои коммуналию манзилӣ (ККМ), кооперативҳои манзилӣ;

Бюрои бақайдгирии техникӣ (ББТ) дар бораи хонаҳои истиқоматӣ, ки ба шаҳрвандон дар асоси ҳуқуқи моликияти шахсӣ-хусусӣ дар авлодҳои шаҳрӣ тааллуқ доранд;

Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар ташкилотҳои кишоварзӣ, ки маҳсулоти кишоварзӣ, ки маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол менамоянд.

Ҳисоботро умуман барои шаҳрҳои ноҳияҳо аз он ҷумла барои шаҳру шаҳракҳои навъи шаҳр тартиб медиҳанд. Оид ба шаҳрҳо бо тақсими ноҳияҳо умуман аз рӯи шаҳр аз он ҷумла оид ба хар як ноҳия ҳисобот пешниҳод карда мешавад.

Маълумотҳо бояд бо рақамҳои бутун ва он воҳидҳое, ки дар шакл нишон дода шудаанд, нишон дода шаванд.

1.2. Хонаҳои истиқоматӣ, ки дар асоси ҳуқуқӣ моликияти шахсӣ – хусусӣ дар маҳалҳои деҳот дар ҳудуди деҳоти аҳолинишин ба шаҳрвандон тааллуқ доранду ба Ҳукуматҳои шаҳрҳо итоат мекунанд, дар шакли №2 фонди манзил «Ҳисобот дар бораи хонаҳои истиқоматӣ, ки дар махалҳои деҳот дар асоси ҳукуқи моликияти шахсӣ-хусусӣ ба шаҳрвандон тааллуқ доранд», ба ҳисоб гирифта мешаванд.

1.3. Хонаҳои истиқоматӣ (биноҳо)-е, ки ба иҷора дода шудаанд (яъне ба мӯҳлати тӯлонӣ беш аз як сол), дар ҳисобот оид ба иҷора ба шаҳрвандони алоҳида ба иҷора додашуда бошанд, дар ҳисоботи корхонае, ки онҳо дар тарози (балансӣ) корхона қарор доранд, нишон дода мешаванд.

Хонаҳои истиқоматӣ (биноҳо)-е, ки аз шаҳрвандони алоҳида ба иҷора гирифта шудаанд, дар ҳисобот нишон дода намешаванд.

1.4. Хонаҳои истиқоматӣ ва биноҳое, ки бо ягон сабаб муваққатан холӣ мебошанд (зери тармим ё таҷдид қарор доранд), биноҳои корношоям (искот-брак) дар таххонаҳо, биноҳои камарзиш (хонаҳои истиқоматӣ аз тахтаҳои чӯбин сохташуда ва аз конструктсияҳои дастакдору бомпӯш), инчунин масоҳатҳои барои манзил ба иҷора додашуда (гирифташуда) дар ҳисобот дохил карда мешаванд.

1.5. Биноҳое, ки рақами пуштавӣ доранду тамоман ё ними камтари масоҳати умумии онҳо барои сукунати доимӣ пешбинӣ шудаанду дар қитъа замин ба ҳамаи биноҳои ёрирасон, иншоот, унсурҳои ободонӣ дар сарҳадҳои муайян қарор доранд, хонаҳои истиқоматӣ ҳисобида мешаванд.

1.6. Бустонсаройҳо (дачаҳо), (биноҳои асосӣ, сабук сохташуда, ки ба корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатӣ тааллуқ доранд, бустонсаройҳо-сохтмонҳои ба кооперативҳо, шаҳрвандон дар асоси ҳуқуқи моликияти шахсӣ-хусусӣ), хонаҳои боғҳои аъзоёни рафиқонаи боғӣ, хоначаҳои шикоргоҳҳо, базаҳои варзишию сайёҳӣ, ҳотелу, мотелу, кемпингҳо, санаторияҳо, хонаҳои истироҳатӣ, истироҳатию табобатӣ (пансионатҳо), хонаҳои мусофирон, меҳмонхонаҳо, вагончаҳои роҳи оҳан ва дигар биноҳою иморатҳое, ки барои истироҳат пешбинӣ шудаанд, биноҳои мавсимӣ ва муваққатии сукунатӣ, сарфи назар аз фаъолияти истиқоматии шаҳрвандон дар онҳо ба ҷумлаи хонаҳои истиқоматӣ дохил карда намешаванд.

**<u>2. Мӯҳлати тартиб додан ва пешниҳоди ҳисобот</u>**.

2.1. Ҳисоботи аз рӯи шакли №1-фонди манзилиро то 1 январ барои соли ҳисобот тартиб медиҳанд ва на дертар дар санаи 10-уми давраи ҳисобот ба мақомоти давлатии омори ноҳиявӣ дар маҳҳали ҷой гирифтаи корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳои ҳисоботдиҳанда пешниҳод мекунанд.

Корхонаҳое, ки дар дигар маҳалҳои аҳолинишин фонди манзил доранд, ҳисоботро аз рӯи шакли №1-фонди манзил оид ба ҳар як маҳали аҳолинишин ҳисобот тартиб медиҳанд ва онҳоро ба мақомоти маҳаллии омор дар маҳалли ҷойгирифтаи фонди манзил пешниҳод менамоянд.

Агар баъд аз пешниҳоди ҳисобот ба вай ягон аниқӣ ворид карда шуда бошад, дар он суръат ин тағйирот ба зудӣ ба суроғае, ки ҳисобот фиристода шудааст бояд хабар дода шавад.

**2. <u>Тарзи тартиб додани ҳисобот</u>**

3.1. Ҳамон нишондиҳандаҳои ҳисобот бояд аз рӯи маълумотҳои хуҷҷатҳои аввалия пур карда шаванд: шиносномаи техникӣ, китоби номнавис, китоби реестр, ошёнаҳо ва шарҳу тафсири онҳо, суратҳисоби иҷоранишинон ва дигар ҳуҷҷатҳо.

Андозаи масоҳати умумии манзил дар мавриди мавҷуд набудани хуҷҷатҳои зикршуда аз рӯи маълумотҳои ченаки масоҳат дар шакли натура муайян карда мешавад.

3.2. Ҳисобот ба таври алоҳида аз рӯи фонди манзил, ки дар ҳудуди шаҳрҳо, шаҳракҳои навъи шаҳрӣ (шаҳрҷойҳо); маҳалҳои аҳолинишин (деҳот) тартиб дода мешавад.

Маҳалҳои аҳолинишини деҳот, ки ба маъмурияти Шӯроҳои намояндагон халқӣ шаҳрӣ тобеанд, аз рӯи маҳалли деҳот ба ҳисоб гирифта мешаванд.

3.3. Дар фасли 1 «Масоҳати умумии манзили истиқоматӣ дар хонаҳои сукунатӣ ва биноҳои ғайриистиқоматӣ» маълумотҳое, ки фонди манзилро то 1 январ тавсиф менамоянд, оварда мешаванд.

3.3.1. Дар сатри 01 маълумотҳо дар бораи андозаи умумӣ ва масоҳати квартираҳои истиқоматӣ, хонаҳои истиқоматӣ, биноҳои истиқоматӣ дар иморатхонаҳои ғайриистиқоматӣ, инчунин масоҳати хонаҳои истиқоматӣ ва биноҳои истиқоматӣ дар иморатҳои ғайриистиқоматӣ, ки ҳамчун хобгоҳи умумӣ истифода мешаванд ва шумораи аҳолии истиқоматкунандаҳои доимӣ нишон дода мешаванд.

3.3.2. Дар сатри 02 маълумотҳо танҳо аз рӯи квартираҳои хонаҳои истиқоматӣ, бе маълумотҳо оид ба квартираҳо дар иморатҳои ғайриистиқоматӣ (мактабҳо, шифохонаҳо, мехмонхонаҳо, санаторияҳо ва ғайраҳо), ки танҳо дар сатри 01, инчунин оид ба хонаҳои истиқоматӣ, ки ҳамчун хобгоҳи умумӣ ишғол шудаанду дар сатрҳои 01 ва 03 ба ҳисоб гирифта мешаванд, оварда мешаванд.

3.3.3. Дар сатри 03 маълумотҳо оид ба хобгоҳҳои умумӣ оварда мешаванд. Иморатҳои махсус ҷудо карда шуда ё биноҳои истиқоматӣ дар иморатҳои истиқоматӣ ва дар иморатҳои ғайриистиқоматӣ, ки барои онҳо ордери ягона барои истиқомати коргарон ва хизматчиён, донишҷӯён ва дигар шаҳрвандон дар давраи кор ва таҳсил дода шудаанд, нишон дода мешаванд, ҳамчун хобгоҳи умумӣ ҳисобида мешаванд. Хонаҳои кӯдакон, хонаҳои маъюбону пиронсолон интернатҳои назди мактабҳо ва мактаб-интернатҳо низ хобгоҳи умумӣ ҳисобида мешаванд.

Маҷмӯи маълумотҳои сатрҳои 02 ва 03 чун қоида аз маълумотҳои сатри 01 аз ҳисоби биноҳои истиқоматӣ, дар иморатҳои ғайриистиқоматӣ кам мебошанд.

3.3.4. Дар сутуни 1 масоҳати умумии хонаҳои истиқоматӣ, дар биноҳои истиқоматӣ дар биноҳои ғайриистиқоматӣ ва хобгоҳҳои умумӣ нишон дода мешавад.

Масоҳати умумии квартираҳо ҳамчун маҷмӯи масоҳати биноҳои истиқоматӣ ва ёрирасон (ошпазхона, долонҳои пешрӯй ва дохили бино, ваннаҳо ва душҳо, ҳоҷатхонаҳо, амборхонаҳо ё ҷевонҳои сохташуда хоҷагӣ), инчунин болохонаҳо, ҷойҳои болои бом тиреза дар (мансардҳо), айвонҳо,

пешайвонҳо ва ғайраҳо, ки барои эҳтиёҷоти зиндагӣ гарм карда мешаванд, муайян карда мешавад.

Масоҳати умумии хобгоҳ ҳамчун маҷмӯи масоҳати хучраҳои сукунатӣ (ҳуҷраи хоб, ҳуҷраи истироҳатӣ ва ҳуҷраҳои машғулияти берун аз синфӣ), биноҳои ёрирасон долонҳо (вестибулҳо) барои интизории меҳмонҳо ва ҷойи навбатдор оид ба хобгоҳ, ошпазхона, амборхона барои нигоҳдорӣ ва ҳифзи ашёҳои шахсӣ, асбобу анҷоми варзишӣ, хоҷагӣ, рӯйҷо ва барои нигоҳдории асбобу анчоми фаррошӣ, ҳучра барои тозакунии либос ва дарзмоли либосҳо, чевонҳои сохташуда, ҳучраҳои пешрӯй ва истиқоматӣ, биноҳои санитарию-тоҳирӣ (гигиенӣ) ҳуҷраҳои дасту руйшӯи, ҳоҷатхонаҳо, ҳуҷра барои тоҳирони занон, душхонаҳо, ҳуҷраҳои фарҳангию маишӣ (ҳуҷраҳои истироҳатӣ, машғулиятҳои маҳфилӣ, ҳуҷрҳои муваққатии буду боши кӯдакон, лабараторияҳои суратгирӣ, шабакаи радиоии дохили хобгоҳ, бинои ҷомашӯйӣ, хушкунӣ ва дарзмоли либосҳо) ва хизматрасонии тиббӣ муайян карда мешавад.

Бо ҳамин монанд масоҳати умумии хонаҳои кӯдакон, хонаҳои маъюбон ва пиронсолон, мактаб-интернатҳо ва интернатҳои назди мактабҳо муайян карда мешавад.

Дар сутуни 1 масоҳати зерин ҳамроҳ карда мешавад: зинапояҳо, толорҳо, лифтҳо, дарвозахонаҳо, долонҳо (ғайр аз долонҳои дохили квартираҳо), миёнасарайҳо (вестибюлҳо), роҳравҳо, балконҳо, айвонҳои пештоқи биноҳо (лоджия), пешайвонҳо, айвонҳо, ҷойҳои болои боми тирезадор (мансардҳо) нимошёнаҳо (мезонинҳои гармнашаванда);

биноҳое, ки бо унсурҳои конструктивӣ бо печу дегҳои гармирасонӣ банд мебошанд.

Ошхонаҳои тобистона ҳаммомҳо, саройҳо, ҷойҳои мулоқоту сӯҳбат, биноҳои ғайрисукунатӣ, биноҳое, ки идораи баҳрабардории манзил (ИБМ), ташкилотҳои манзилҳои коммуналӣ (ТМК), идораи манзилҳои коммуналӣ (ПМК), идораҳои хонаҳо, мағозаҳо, дармонгоҳҳо, дорухонаҳо, хазинаҳои амонатгузорӣ, шӯъбаҳои алоқа, муассисаҳои кӯдакон, корхонаҳои хадамоти маишӣ ва ғайраҳо ишғол кардаанд.

Дархонаҳое, ки бо хобгоҳҳо, хонаҳои кӯдакон, хонаҳои маъюбон ва пиронсолон, интернатҳо ишғол карда шудаанд, ба масоҳати умумии биноҳое, ки комендант, ҳуҷраҳои хадамоти хизматрасонӣ ба кормандон, биноҳои зери ошхонаҳо, буфетҳо, толорҳо, китобхонаҳо, толорҳои қироаткунандаҳо, толорҳои варзишӣ, нуқтаҳои қабули хизматрасонии маишӣ, сартарошхонаҳо, дӯконҳои савдо, нуқтаҳои табобатию-тиббӣ дохил карда намешаванд.

3.3.5. Дар сутуни 2 масоҳати истиқоматӣ дар квартираҳои хонаҳои истиқоматӣ, дар биноҳои истиқоматӣ, хобгоҳҳо ва дигар сохтмонҳое, ки ба хобгоҳҳо баробар дониста шудаанд, нишон дода мешавад.

Ҳучраҳои истиқомат, ки барои истиқомати пешбинӣ шудаанд, масоҳати истиқоматӣ хисобида мешаванд.

Ба масоҳати истиқоматӣ дохил карда мешаванд:

хучраҳои истиқоматӣ (ҳучраҳои умумии хобгоҳҳо), ба квартираҳои истиқоматӣ, хобгоҳҳо ва дигар иморатҳое, ки ба онҳо баробар дониста

шудаанд, ҳуҷраҳои истироҳатӣ ва машғулиятҳои берун аз синфӣ дар хобгоҳҳо, хонаҳои кӯдакон, хонаҳои маъюбону пиронсолон, мактаб-интернатҳо ва ғайраҳо. Ҳуҷраҳои истиқоматӣ, ки муваққатан бо ягон сабаб (таъмир, аз нав таҷҳизонидан) холӣ мондаанд.

Ҷевонҳои сохташуда, бинохои ёрирасон, ҳуҷраҳои истиқоматӣ, ки барои сукунат пешбинӣ шудаанду, аммо барои дигар мақсадҳо истифода бурда мешаванд (гӯшаи сурх, идораи баҳрабардории манзил (ИБМ), идораи манзилҳои коммуналӣ (ИМК), ташкилотҳои манзилҳои коммуналӣ (ТМК), идораи хонаҳо ДЭЗ, ба масоҳати истиқоматӣ дохил карда намешаванд.

3.3.6. Дар сутуни 7 шумораи ҳамаи истиқоматкунандаҳои доимӣ дар масоҳати дар сутуни 2 ба ҳисоб гирифташуда нишон дода мешавад.

Дар сатри 01 шумораи истиқоматикунандаҳо иҷоранишинон ва аъзоёни оилаҳои онҳо (сарфи назар аз синну сол) дар қайди доимӣ будаҳо, ки масоҳатро дар квартираҳо, хонаҳои истиқоматӣ, хобгоҳҳои умумӣ, бинохои истиқоматӣ, иморатҳои ғайриистиқоматӣ, хонаҳои пиронсолон ва маъюбон ва дигар иморатҳое, ки ба хобгоҳҳо баробаранду ишғол кардаанд ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар сатри 02 ба шумораи истиқоматкунандаҳое, ки дар квартираҳои танҳо хонаҳои исткоматӣ доимӣ ба қайд гирифта шудаанд, дар квартираҳои иморатҳои ғайриистиқоматӣ доимӣ ба қайд гирифта шудаанд, ба шумораи истиқоматкунандаҳо дар сатри 02 шахсоне, ки доимӣ ба қайд гирифта шудаанду аммо аз масоҳати мазкур ба мӯҳлати 6 моҳ муваққатан баромада рафтаанд, ба ҳисоб гирифта намешаванд. Ба ин гуна гурӯҳи истиқоматкунандаҳо қисмҳои зерини аҳолӣ тааллуқ доранд: донишҷӯёнӣ мактабҳои олӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус, хонандаҳои мактабҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, мактабҳо-интернатҳое, ки дар давраи таҳсил дар маҳалли ҷой гирифтаи муассисаҳои таълимӣ (дар хобгоҳҳо, интернатҳои назди мактабҳо) истиқомат мекунанд ва дар сатри 03 ба ҳисоб гирифта шудаанд.

Ашхосе, ки зиёда аз 6 моҳ аз маҳалли истиқоматӣ доимӣ бо шароитҳо ва хусусияти кор (сарнишинҳои киштиҳо, кормандони гурӯҳҳои кофту кови геологӣ, тадқиқотӣ) ҷолиб мебошанд, ҳамчун истиқоматкунандаи доимӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ашхосе, ки ба хизмати ҳаққиқии ҳарбӣ даъват шудаанд, шахсоне, ки ба сафари хизматӣ ба хориҷа рафтаанд, ҳамчун истиқоматкунандаи доимӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар сатри 03 ба ҷумлаи истиқоматкунандаҳои хобгоҳҳо ашхосе ҳисоб карда мешаванд, ки дар онҳо дар давраи кор, таҳсил дар мактабҳои олӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус, омӯзишгоҳҳои миёнаи касбӣ-техникӣ, интернатҳои назди мактабҳо, хонаҳои кӯдакон, инчунин истиқоматкунандаҳои доимӣ дар хонаҳои маъюбону пиронсолон муваққатан истиқомат мекунанд.

3.4. Дар фасли 2 «Таҷҳизонидани фонди манзил» дар бораи таҷҳизоту дастгоҳҳои фонди манзили намудҳои гуногуни ободонӣ маълумотҳо оварда мешаванд.

3.4.1. Дар сатри 04 андозаи масоҳати истиқоматӣ дар хонаҳои истиқоматӣ, дар биноҳои истиқоматии иморатҳои ғайриистиқоматӣ, хобгоҳҳо ва дигар иморатҳо, ки ба хобгоҳҳо баробар дониста шудаанд бо намудҳои чудогонаи ободонӣ таҷҳизонида шудаанд, нишон дода мешаванд.

Дар сатри 05 дар бораи андозаи масоҳати истиқоматӣ дар хобгоҳҳо ва дигар иморатҳо, ки ба хобгоҳҳо баробар дониста шудаанду бо намудҳои чудогонаи ободонӣ таҷҳизонида шудаанд, маълумотҳо оварда мешаванд.

Дар ҳолатҳое, ки агар дар хонаи истиқоматӣ, биноҳои истиқоматӣ дар иморатҳои ғайриистиқоматӣ, хобгоҳҳо ва ба онҳо баробар кардашуда, ки на ҳамаи масоҳат бо ягон намуди ободонӣ тачҳизонида шудаанду танҳо қисман таҷҳизонида шудааст дар сатрҳои дар боло зикршуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Масоҳати истиқоматӣ дар ҳолате масоҳати истиқоматӣ ҳисобида мешавад, ки бо қубури об, газ, манқоли барқии болоифаршӣ таҷҳизонида шуда бошад, ошпазхонаи алоҳида дошта бошад, (асосан дар ҳолатҳое, ки дар асоси ҳуқуқӣ ба моликияти шахсӣ-хусусӣ тааллуқ доранд) намудҳои номбаршудаи ободонӣ гузошта шудаанд, инчунин дар мавриде, ки ин ё он намуди ободонӣ муваққатан амал намекунад, (масалан, бо сабаби таъмир). Масоҳати ошпазхонаи алоҳида сохташуда ба андозаи масоҳати истиқоматӣ ҳамроҳ карда намешавад.

3.4.2. Дар сутуни 1 дар бораи масоҳати истиқоматӣ, ки бо қубури обтаҷҳизонида шудааст, агар даруни хона шабакаи тақсимкунандаи қубури об дошта бошаду ба вай аз қубури марказии об ё аз чоҳи артезионӣ об ворид шавад, маълумотҳо оварда мешаванд. Агар дар ҳавли чумаки қубури об мавчуд бошад ва дар хона об набошад, дар он сурат масоҳати ингуна хонаҳо бо қубури об таҷҳизонидашуда ҳисобида намешаванд.

3.4.3. Дар сутуни 2 дар бораи масоҳати истиқоматӣ, ки бо канализатсия таҷҳизонида шуда бошад, агар дохили хона барои партофтани обҳои хочагӣ- ифлос ба шабакаи канализатсияи кӯча ё ба чоҳи кандашуда канализатсия дошта бошад, маълумотҳо нишон дода мешаванд. Дар ин маврид масоҳати бо канализатсия таҷҳизонидашуда, набояд аз масоҳати бо қубури об таҷҳизонидашуда зиёд бошад.

3.4.4. Дар сутуни 3 дар бораи масоҳати истиқоматӣ, ки бо гармирасонии марказӣ, сарфи назар аз манбаи гармирасонӣ таҷҳизонидашуда маълумотҳо оварда мешаванд:

аз дегхонаи хонаи худӣ, аз дегхонаи гурӯҳии (чорякӣ), муттаҳида ва ноҳиявӣ, аз маркази гармирасонии барқӣ (ТЭЦ), инчунин аз обгармкунакҳои квартираҳо (АГВ) ва маҳаллӣ, дегхонаҳои гармирасонии хурд, ки бо газ ва ё бо сузишворӣ об гарм карда мешавад, маълумотҳо оварда мешаванд.

3.4.5. Дар сутуни 4 дар бораи масоҳати истиқоматӣ, ки бо ванна ва душ, сарфи назар аз тарзи воридшавии оби гарм (низоми оби гарм таъминкунӣ): марказӣ, ки бо обгармкунии маҳҳалӣ, газӣ (ё ҳезум), балонӣ таҷҳизонида шудааст, маълумотҳо нишон дода мешаванд.

Масоҳати истиқоматӣ, ки бо низоми канализатсия таҷҳизонида нашуда бошаду аммо ванна ва душ дошта бошад, бо намудҳои мазкури ободонӣ таҷҳизонида ҳисоб намешавад.

3.4.6. Дар сутуни 5 дар бораи таҷҳизонидани масоҳати истиқоматӣ бо гази шабакавӣ, моеъ, ҳангоми мавҷуд будани плитаи болои фарш гузошташуда маълумотҳо оварда мешаванд. Агар хонаи истиқоматӣ (асосан дар хонаҳое, ки ба ҳуқуқи моликияти шахсӣ-хусусӣ тааллуқ доранд) , ки ба моликияти на як, балки ду ва ё бештар соҳибон қарор дошта бошад ва плитаи газ як воҳид дар болои фарш гузошта шуда бошаду аз вай ҳамаи соҳибон истифода баранд, дар он сурат масоҳати истиқоматии ҳамаи хона бо газ таҷҳизонидашуда ҳисобида мешавад.

3.4.7. Дар сутуни 6 дар бораи масоҳати истиқоматӣ: ки бо оби гармирасонӣ аз қубурҳои оби гарми махсус таҷҳизонида шудааст у барои эҳтиёҷоти маишии истиқоматкунандаҳо ба бинои истиқоматӣ оби гарм мерасонад, сарфи назар аз он, ки оби гарм аз дегхонаҳои гармкунандаҳои марказонидашуда, аз обгармкунакҳои квартираҳо, аз ҷумла аз дегхонаҳоигармкунандаи ҳаҷмашон хурд таъмин карда мешавад, маълумотҳо нишон дода мешаванд.

3.4.8. Дар сутуни 7 дар бораи масоҳати истиқоматӣ, ки бо плитаи барқии болоифаршӣ таҷҳизонида шудааст маълумот оварда мешавад.

Агар хонаи истиқоматӣ (асосан дар хонаҳое, ки ба ҳуқуқи моликияти шахсӣ-хусусӣ мансубанд), ки ба моликияти на як, балки ду ва бештар соҳибон қарор дорад, плитаи барқии болоифаршӣ як воҳид гузошта шуда бошаду аммо аз вай ҳамаи соҳибон истифода мебаранд, дар он сурат масоҳати хамаи хона ба плитаи барқии болоифаршӣ таҷҳизонидашуда ҳисобида мешавад.

3.4.9. Дар сутуни 8 дар бораи масоҳати истиқоматие, ки ба дастгоҳи телефон таҷҳизонида шудааст, маълумот оварда мешавад.

Агар хонаи истиқоматӣ (асосан дар хонаҳое, ки ба ҳуқуқи моликияти шахсӣ-хусусӣ тааллуқ доранд), ки дар моликияти на як, балки ду ва бештар соҳибон қарор дошта бошад ва як дастгоҳи телефон гузошта шуда бошаду аз вай ҳамаи соҳибон истифода баранд, дар он сурат масоҳати истиқоматии ҳамаи хона, бо дастгоҳи телефон таҷҳизонидашуда ҳисобида мешавад.

3.4.10. Дар сатри 06 шумораи истиқоматкунандаҳо дар хонаҳои истиқоматӣ, дар манзилҳои истиқоматӣ иморатҳои ғайриистиқоматӣ, хобгоҳҳо ва ба онҳо баробар донисташуда, ки масоҳати истиқоматиашон таҷҳизонида шудаанд нишон дода мешавад. Сатри мазкур дар фонди манзили шаҳрӣ пур карда намешавад.

Иҷорашинҳо ва аъзоёни оилаи онҳо (сарфи назар аз синну сол), ки дар масоҳати ишғолкардаи квартираҳо, хобгоҳҳо ва ба онҳо баробар донисташуда доимӣ дар қайд мебошанд, ба шумораи истиқоматкунандаҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд (ба банди 3.2.8 нигаред).

3.4.11. Дар сатри 07 шумораи квартираҳо дар хонаҳои истиқоматӣ ва биноҳои истиқоматӣ дар иморатҳои ғариистиқоматӣ (мактабҳо,

шифохонаҳо, санаторияҳо ва ғайраҳо) ва хонаҳои истиқоматии инфиродӣ, ки бо намудҳои ободонии алоҳида таҷҳизонида шудаанд, нишон дода мешавад.

Ба ҷумлаи квартираҳое, ки бо намудҳои гуногуни ободонӣ таҷҳизонида шудаанд, квартираҳо ва ҳуҷраҳои истиқоматӣ дар хонаҳое, ки ҳамчун хобгоҳ, интернат, хонаҳои кӯдакон истифода мешаванд, хонаҳои пиронсолон ва маъюбон ҳисобида намешаванд

Квартирае, ки бо ин ё он намуди ободонӣ таҷҳизонида шудааст, квартираи истиқоматӣ, биное, ки дохили вай изолятсия карда шудаасту аз дигар биноҳои омехта бо девор ҷудо карда шудааст, дар мавриди мавҷуд будани таҷҳизоти алоҳида, ки барои квартираҳои истиқоматӣ заруранд (ошпазхона, ҳоҷатхона, ванна), инчунин ба кӯча ба рӯи ҳавлӣ, ба долони истифодаи умумӣ ё ба зинапоя баромадгоҳи мустақил дорад, квартираи истиқоматӣ ҳисобида мешавад.

3.4.12. Дар сутуни 1 сатри 07 дар бораи шумораи квартираҳо (хонаҳо), ки бо қубури об таъмина аст, агар дар квартира (хона) чумаки қубури об шабакаи қубури обтақсимкунӣ сохта шуда бошад, маълумот оварда мешавад.

Дар хонаҳои истиқоматии долондор бо ҳуҷраҳои ҷудогонаи квартирае, ки қубури об доранд, дар он сурат маҷмӯи бо шӯстушуи умумӣ барои онҳо ба ҳар як тарафи зинапоя ҳисобида мешавад.

Хонаи истиқоматӣ (ки асосан ба шаҳрвандон дар асоси ҳуқуқи моликияти шахсӣ-хусусӣ мансуб аст), бо қубури об таҷҳизонидашуда ҳисобида мешавад, агар дар ошпазхонаи алоҳида чумаки қубури об аз шабакаи тақсимкунандаи қубури об сохта шуда бошад.

Дар ҳолате, ки агар хонаи истиқоматӣ ба моликияти ду ва бештар соҳибон қарор дошта ва ошпазхонаи алоҳида вуҷуд дошта бошаду бо қубури об таҷҳизонида шуда бошад, плитаи газӣ болои фарш ё плитаи барқӣ мавҷуд бошад, намудҳои ободонии дар боло зикршуда аз рӯи шумораи соҳибонашон муайян карда мешавад.

3.4.15. Дар сутуни 2 дар бораи шумораи квартираҳо (хонаҳое), ки канализатсия, яъне ҳоҷатхона доранд барои хориҷ шудани обҳои ифлоси хоҷагӣ ба канализатсияи кӯча ё ба чоҳи кофташуда таҷҳизонида шудаанд, маълумотҳо оварда мешаванд. Квартираҳо (хонаҳо)-е, ки бо қубури об таҷҳизонида нашудаанд ба канализатсия таҷҳизонидашуда ҳисобида намешаванд.

Дар хонаҳои истиқоматӣ, ки навъи долондор бо ҳуҷраи квартираи алоҳидаи истиқоматӣ мебошанду канализатсия доранд, маҷмӯи ҳуҷраҳо бо ҳоҷатхонаи умумӣ барои онҳо ба ҳар кадом тарафи зинапоя ҳисобида мешаванд.

Агар хонаи истиқоматӣ дар асоси ҳуқуқи моликияти шахсӣ-хусусӣ бо шаҳрвандон тааллуқ дошта бошад, ба ду ва ё бештар соҳибон, ки сохтмони канализатсионӣ ва ҳоҷатхонаи умумӣ дорад, дар он сурат шумораи квартираҳое, ки канализатсия доранд, аз рӯи шумораи соҳибонашон муайян карда мешавад.

3.4.16.Дар сутуни 3 шумораи квартираҳо (хонаҳо)-е, ки бо гармирасонии марказӣ таҷҳизонида шудаанд, сарфи назар аз манбаи таъмини гармӣ: аз шабакаи дегхонаи хонагӣ, аз ТЭЦ, инчунин аз обгармкунакӣ квартираҳо (АГВ) ва обгармкунакҳои маҳдуд, аз дегхонаҳои ғайри муттамарказии хурд ҳаҷм ва сӯзишвории сахт нишон дода мешавад.

Шумораи квартираҳо мувофиқи тафсироти сутуни 3.4.11. муайян карда мешавад.

3.4.17. Дар сутуни 4 дар бораи шумораи квартираҳо (хонаҳо)-е, ки ванна (душ) доранд, сарфи назар аз тарзи воридшавии оби гарм: аз обгармкунакӣ газӣ (ё ҳезум)-и маҳаллӣ ё марказӣ маълумотҳо оварда мешаванд.

Дар хонаҳои истиқоматии долондор бо ҳуҷраҳои истиқоматии алоҳида, квартирае, ки ванна (душ) доранд, маҷмӯи ҳуҷраҳо бо ванна (душ)-и умумӣ ҳисобида мешаванд.

Дар хонаҳои истиқоматӣ, ки дар моликияти ду ва ё бештар соҳибон қарор доранду ванна ва душ доранд. Шумораи квартираҳое, ки бо ванна (душ) таҷҳизонида шудаанд, аз рӯи шумораи соҳибонашон муайян карда мешавад.

3.4.18. Дар сутун 5 дар бораи шумораи квартираҳо (хонаҳо)-е, ки плитаи болои фаршӣ дораду бо газ таъмин аст, квартира (хона)-и бо газ таҷҳизонидашуда ҳисобида мешавад.

Дар хонаҳои истиқоматии долондор бо ҳуҷраҳои алоҳида, ки ба долони умумӣ мебароянд, маҷмӯи ҳуҷраҳо бо ошпазхонаи умумӣ барои онҳо барои ҳар кадом ошёна дар ҳар кадом тарафи зинапоя сарфи назар аз шумораи плитаҳои гузошташуда квартираи бо газ таҷҳизонидашуда ҳисобида мешавад.

Агар хонаи истиқоматӣ дар моликияти ду ва ё бештар соҳибон қарор дошта бошаду дар масоҳати дахлдор плитаи болои фаршӣ газ гузошта шуда бошад, дар он сурат шумораи квартираҳои бо газ таҷҳизонидашуда аз рӯи шумораи плитаҳои гузошташудаи газ муайян карда мешавад, ғайр аз ин, агар хона ду ва ё се соҳиб дошта бошад ва плитаи боло фаршӣ 1 дона гузошта шуда бошаду ҳамаи соҳибон аз вай истифода баранд, дар он сурат ингуна хона (квартира) бо газ таҷҳизонидашуда ҳисобида мешавад.

Квартира (хона)-и бо газ таҷҳизонидашуда, инчунин хонае, ки ошпазхонаи алоҳида дораду дар он плитаи болои фаршии газ гузошта шуда, бо газ таъмин бошад, квартира (хона)-и бо газ таҷҳизонидашуда ҳисобида мешавад.

Шумораи квартираҳо мувофиқи шарҳу тафсири сутуни 3,4.11. муайян карда мешавад.

3.4.19. Дар сутуни 6 дар бораи шумораи квартираҳо (хонаҳо)-е, ки бо оби гарми марказонидашуда, инчунин аз обгармкунаки маҳаллӣ таъмин бошад, маълумотҳо оварда мешаванд.

3.4.20. Дар сутуни 7 дар бораи шумораи квартираҳо (хонаҳо)-е, ки бо манқали (плитаи) болои фаршии барқӣ таҷҳизонидашуда маълумот оварда мешавад. Тартиби пур кардан ба монанди банди 3.4.18. анҷом дода мешавад.

3.4.21. Дар сутуни 8 дар бораи шумораи квартираҳо (хонаҳо)-е, ки бо телефон таҷҳизонида шудаанд, маълумот нишон дода мешавад. Агар хонаи истиқоматӣ (асосан дар хонаҳое, ки ба моликияти шахсӣ-хусусӣ тааллуқ доранд) на ба моликияти як истиқоматкунанда карор доранд, балки ба моликияти ду ва бештар соҳибон тааллуқ доранду як дастгоҳи телефон гузошта шуда бошад, аз вай ҳамаи соҳибон истифода баранд, дар он сурат ингуна хона (квартира) бо телефон таҷҳизонидашуда ҳисобида мешавад. Шумораи квартираҳо мувофиқи банди 3.4.11. муайян карда мешавад.

3.5. Дар фасли 3 «Шумораи хонаҳои истиқоматӣ» шумораи умумии квартираҳо ва ҳуҷраҳо дар хонаҳои истиқоматӣ, биноҳои истиқоматӣ дар иморатҳои ғайриистиқоматӣ (бе квартира, ки бо хобгоҳи умумӣ ва ба онҳо баробар донисташуда) ишғол карда шудаанд, нишон дода мешавад.

3.5.1. Дар сатри 08 шумораи умумии квартираҳо дар хонаҳои истиқоматӣ ва биноҳои истиқоматӣ дар иморатҳои ғайриистиқоматӣ нишон дода мешавад. Шумораи квартираҳо мувофиқи шарҳу тафсири банди 3.4.11. муайян карда мешавад.

3.5.2. Дар сатрҳои 09-13 шумораи квартираҳои истиқомаӣ (чӣ ба таври алоҳида ва чӣ коммуналӣ) вобаста ба шумораи ҳуҷраҳои истиқоматӣ (аз 1 то 5 ва бештар дар квартира) нишон дода мешавад. Ҷамъи сатрҳои 09-13 дар ҳар як сутун бояд ба сатри 08 баробар бошад.

3.5.3. Дар сатри 16 шумораи квартираҳои коммуналӣ (дар ҳамон ҳолате квартираи коммуналӣ ҳисобида мешавад, ки дар вай 2 ва ё зиёдтар иҷоранишин истиқомат мекунанд).

3.6. Дар фасли 4 “Гардиши фонди манзил» дар бораи ворид ва хориҷ шудани фонди манзил дар давраи аз 1 январи соли гузашта то 1 январи соли ҷорӣ маълумотҳо оварда мешаванд.

3.6.1. Дар сатри 19 масоҳати умумии хонаҳои истиқоматӣ ва биноҳои истиқоматӣ дар иморатҳои ғайриистиқоматӣ аз аввали соли гузашта нишон дода мешавад.

Барои пур кардани сатри мазкур маълумотҳо аз ҳисоботи соли гузашта-сатри 01 сутуни 1 гирифта мешаванд.

3.6.2. Дар сатри 20 микдори масоҳати умумии дар як сол воридшуда нишон дода мешавад. Ба шумораи вай сохтмони нав, ки ба бинои ғайриистиқоматӣ аз нав таҷҳизонида шудааст нишондиҳандаҳои технологию иқтисодӣ аз ҳисоби сармоягузории давлатӣ ва маблағҳои фондҳои рушди иҷтимоии корхонаҳо ҳамроҳ карда мешаванд.

Аз ҳисоби аз нав ташкил намудани маҳалҳои аҳолинишини деҳот дар шаҳрҳо ва баракс, тағйир ёфтани сарҳади маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳо ва деҳот, гузориши ҳуқуқи соҳибият аз як ташкилот ва муассиса ба дигар ташкилоту муассисаҳо, тағийр ёфтани мансубияти фонди манзили идоравӣ (аз ташкилотҳои буҷетӣ ба ҳисоби хоҷагӣ ё аз фонди манзили ҷамъиятӣ ба давлатӣ гузаштан ва баракс, аз фонди манзили давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба инфиродӣ ва баракс) қарор гирифтаанд. Ғайр аз ин дар ҳамин сатр дар бораи масоҳати умумии квартираҳое, ки аҳолӣ харидааст, маълумотҳо оварда мешаванд.

Дар сатри ишорашуда дар бораи натиҷаи гузаронидани барӯйхатгирии фонди манзил, дар бораи масоҳати умуми воридшуда, ки собиқаи ба ҳисоб гирифта шуда, хотагиҳо содир шуда буданд, маълумотҳо оварда мешаванд.

3.6.3. Дар сатри 21 дар бораи масоҳати умумии хонаҳое, ки дар натиҷаи сохтмони нав, таҷдиду болосохти хонаҳои истиқоматии мавҷуда, инчунин таҷдиди хонаҳои истиқоматӣ бо тағйир ёфтани нишондихандаҳои техникию иқтисодӣ ворид шудаанд, маълумотҳо оварда мешаванд.

3.6.4. Дар сатри 22 дар бораи масоҳати умумии хонаҳои истиқоматӣ, ки аз дигар корхонаю ташкилотҳо ва муассисаҳо қабул кардаанд, тағйироти мансубияти корхонаю ташкилотҳо ва муассисаҳо (гузариш аз ҳисоби буҷетӣ ба ҳисоби хоҷагӣ ва баракс, тағйироти мансубияти фонди манзил, гузориш аз ҷамъиятӣ ба давлатӣ ва баракс, аз давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба моликияти шахсӣ-хусусӣ ва баракс) маълумотҳо нишон дода мешаванд.

3.6.5. Дар сатри 23 масоҳати умумие, ки дар давраи ҳисоботӣ гузашта ба ҳисоб гирифта нашуда буданд ва дар рафти гузаронидани аз нав бақайдгирӣ ошкор карда шуда буданд, инчунин аз ҳисоби баҳисобгирии нодурустӣ ҳудудии фонди манзил (масоҳати деҳот ҳамчун шаҳрӣ баҳисоб гирифта шуда буданд ) ва бо дигар сабабҳо нишон дода мешаванд.

3.6.6. Дар сатри 24 дар бораи масоҳати умумии дар як сол аз фонди манзил хориҷшуда маълумотҳо оварда мешаванд. Ба миқдори вай биноҳои истиқоматӣ дар иморатҳои ғайриистиқоматӣ аз нав таҷҳизонидашуда, ба сабаби осудагӣ ва садаманокӣ бардошта шудаанд, дар натиҷаи ҳолатҳои фавқуллода ва табиӣ, аз рӯи таҷдид сохтан, ба сабаби гузаронидани замин барои сохтмони нав, ба сабаби аз нав ташкил намудани маҳалҳои аҳолинишини шаҳрӣ дар деҳот ва баракс, тағйир ёфтани сарҳади шаҳри мазкур ё деҳоти аҳолинишин, таҳвил намудан аз як корхона, муассиса ва ташкилот ба дигар корхонаҳо, гузаштани корхона аз як соҳибият ба дигар (корхонаҳои буҷетӣ ба ҳисоби хоҷагӣ ва баракс), гузариш аз рӯи соҳибият ба фонди манзил (аз фонди манзили ҷамъиятӣ ба давлатӣ ва баракс), харидорӣ намудани фонди манзил аз тарафи шаҳрвандон (ба ҳуқуқи моликияти шахсӣ-хусусӣ), инчунин ба дигар вақт монондани харидории фонди манзил, ба дигар маҳалли аҳолиншин ва ба ҳудуди маҳалли аҳолинишини шаҳрӣ ё маҳаллӣ аҳолинишини деҳот маълумотҳо оварда мешаванд.

3.6.7. Дар сатри 25 андозаи масоҳати умумии хонаҳои фарсудаю кӯҳнашуда (сангин, ки беш аз 70 фоиз фарсуда шудаанд, хонаҳои чӯбин ва дигарҳо, ки зиёда аз 65 фоиз фарсуда шудаанд, садаманок мебошанд, онҳо дар давраи ҳисобот дар асоси актҳои аз ҳисоббарории тасдиқкардаи ҳукуматҳо, ноҳияҳо (шаҳрҳо) ва ҷамоатҳои деҳот аз байн бурда шудаанд, нишон дода мешавад.

Хонаҳои фарсудаи садамадида аз тарафи комиссияҳои салоҳиятноке, ки ба тартиби муқарраршуда муайян карда мешаванд, бо онҳо хонаҳои зерин мансубанд:

хонаҳое, ки дар ҳудуди минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ, сухтору таркандаи корхонаҳои саноатӣ, нақлиёт, шабакаҳои муҳандисӣ ва дигар

минтақаҳои шароитҳои махсус, барои сохтмон СН ва ПП-60-75 мамнуъ ҷой гирифтаанд;

Дар минтақаҳои хатарноку ҷойҳои партовҳои ангиштсанг, конҳои рӯҳу қурғошим ва фабрикаҳои тозакунии маъданиёт ҷой гирифтаанд.

Дар минтақаҳои лағзишу фурӯравӣ, селравҳо ва минтақаҳои тармафаройӣ, минтақаҳои пуриқтидорӣ бинокори, ки таҳдид мекунанд ва маҳалҳои баҳрабардории биною иморатҳо ҷой гирифтаанд;

дар ҳудуди минтақаҳое, ки ҳар сол дар вақти обхезӣ зери об мемонанд;

хонаҳои истиқоматӣ, ки дар натиҷаи шиштани замин ва нобаробар шиштани замин ва ғайраҳо зарар дидаанду агар ин садамаҳо бо таъминоти талаботи яктарафаи конструктивии СН ва П нисбат ба биноҳои истиқоматӣ барои шароитҳои махсусӣ сохтмон ва баҳрабардорӣ аз байн бурда шуда натавонанд;

баъд садамаҳои маишӣ ва сӯхтор дар он ҳолате, ки агар гузаронидани корҳои барқарорсозӣ техникӣ ғайриимкон ё мақсаднок нестанд, яъне аз нуқтаи назари иқтисодӣ зарароваранд.

Дар зери мафҳуми барҳамдиҳии фонди манзили фарсудаю садамадида истисно кардани ин масоҳат аз таркиби фонди манзил ва кӯчонидани аҳолии дар онҳо истиқоматкунанда ба квартираҳо (ё хонаҳо)-и ободро фаҳмидан лозим аст.

Дар ҳолати қабул намудани қарори ҳукуматҳои ноҳияҳо (шаҳрҳо) ва ҷамоатҳои деҳот барои қисман ё пурра кӯчондани аҳолӣ аз фонди манзили фарсуда ва садамадида ва қабули қарор барои истифодаи масоҳати озодшуда дар зери дигар мақсадҳо ё барои фонди нави мнзил (баъди таъмири асосӣ бо назардошти навсозӣ, таҷдид)-и масоҳати нишон додашуда, дар ҳисобот ҳамчун барҳам додашуда инъикос карда мешавад.

Дар ҳолате, ки хона дар маҳалли аҳолинишин бо сабаби таҷдид, ба вайрон кардан тааллуқ дошта бошад, дар асоси қарори қабул кардаи Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқӣ фарсуда ва ё садамадида эътироф шуда бошад, сарфи назар аз таҷдиди маҳалли аҳолинишин дар соли ҳисобот ба вайроншавӣ тааллуқ дошта бошад, дар он сурат масоҳати умумии ингуна хонаҳо дар сатри «оид ба фарсудагӣ» нишон дода мешавад, на дар сатри «оид ба таҷдид».

Хонаҳое, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ зарар дида, садаманок гардидаанду ба барҳамдиҳӣ мансубанд, дар сатри 26 ба ҳисоб гирифта мешаванд.

3.6.8. Дар сатри 26 дар бораи масоҳати умумии хонаҳои истиқоматӣ, ки вайрон шудаанд ё садама дидаанду аз байн бурда шуда наметавонанд, дар натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ, зилзила, сӯхтор ва садамадида (ғайр аз маишӣ), нобаробар шиштани замин, лағзиш, селраҳа ва тармафаройӣ ва дигар зуҳурот, ки бо зуҳуроти физикию ҷуғрофӣ ва шароитҳои ҳудуди зарар дидаанд, маълумотҳо нишон дода мешаванд.

3.6.9. Дар сатри 27 дар бораи масоҳати умумии ба сабаби аз нав таҷҳизонидани биноҳои истиқоматӣ зери иморатҳои ғайриистиқоматӣ хориҷшуда маълумотҳо нишон дода мешаванд. Дар ҳамин сатр масоҳати

умумии хонаҳои истиқоматии фарсуда ва садамадида, ки дар иморатҳои ғайриистиқоматӣ таҷҳизонида шудаанд, ба ҳисоб гирифта намешаванд. Маълумотҳо оид ба ингуна хонаҳо дар сатри 28 ба ҳисоб гирифта мешаванд.

3.6.10. Дар сатри 28 дар бораи масоҳати умумии хонаҳои истиқоматӣ (сарфи назар аз вайрон кардани табиӣ), ки ҳангоми таҷдиди фарсудагии табиӣ вайрон карда шудаанд, ҳангоми таҷдид ва сохтани маҳалли аҳолинишин мувофиқи иҷозати нақшаҳои генералӣ, инчунин ҳангоми таҷдид ғайр аз нақшаҳои генералӣ ба сабаби гузаштани замин зери сохтмони нав, сарфи назар аз он ки замин барои сохтани хонаҳои истиқоматӣ ё объектҳои дигар хусусиятдошта пешниҳод шуда вайрон карда шудаанд, маълумотҳо оварда мешаванд.

3.6.11. Дар сатри 29 дар бораи масоҳати умумии хонаҳои истиқоматӣ, ки барои истиқомат коромад мебошанд, вале ҳангоми таҷдид ва бо сабаби гузаронидани замин зери сохтмони нав вайрон карда шудаанд сарфи назар аз он ки замин барои сохтани хонаҳои истиқоматӣ ё дигар объектҳои хусусияти саноатӣ дошта, таъйиноти иҷтимоию фарҳангӣ ва дигарҳо пешниҳод карда шудааст, маълумотҳо оварда мешаванд.

3.6.12. Дар сатри 30 дар бораи масоҳати умумии хонаҳои истиқоматӣ, ки барои истиқомат коромад мебошанд, вале бо сабаби гузаронидани замин зери сохтмони манзилҳои нав вайрон карда шудаанд, маълумотҳо оварда мешаванд.